**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи номзадии Мустафоқулова Рухшона Аловиддиновна дар мавзӯи «Синтез ва таҳқиқи ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз руйи ихтисоси 02.00.03- Химияи органикӣ**

Диссертатсия номзадии Мустафоқулова Рухшона Аловиддиновна дар заминаи маводи дастраси химиявӣ: 2-хлорметилоксиран, 1-хлорпропан-2,3-диол ва 1,3-дихлорпропан-2-ол бо аминокислотаҳо ва баъзе пептидҳо амалӣ карда шудааст. Бинобар ин, диққати асосӣ дар таҳқиқот, ташкилдиҳии усулҳои навъи нави ҳосилкунии ҳосилаҳои ароматӣ ва гетеросиклии глитсеринӣ, аз ҷумла 2-хлорметилоксиран, 1-хлорпропан-2,3-диол ва 1,3-дихлорпропан-2-ол дар асоси аминокислотаҳои қатори ароматӣ, гетеросиклӣ ва баъзе пептидҳо дода шудааст.

Ба назари мо муҳимтарин тафовути таҳқиқоти Р.А. Мустафоқулова аз корҳои илмии қаблӣ дар он аст, ки ӯ бори аввал боҳамтаъсиркунии ҳосилаҳои глитсеринро бо аминокислотаҳои қатори ароматӣ, гетеросиклӣ ва баъзе пептидҳои онҳо аз ҳисоби гурӯҳҳои карбоксилӣ ва аминии онҳо амалӣ намудааст.

Ба қавли Р.А. Мустафоқулова ҳосилаҳои нави синтезкардашудаи 2-хлорметилоксиран, 1-хлорпропан-2,3-диол ва 1,3-дихлорпропан-2-ол, ки дар молекулаашон боқимондаҳои аминокислотаҳои қатори ароматӣ, гетеросиклӣ ва баъзе пептидҳо доранд, моддаҳои заҳрнокиашон паст буда ва ҳамчун танзимкунандаҳои афзоиши растаниҳо тавсия намудан имконпазир аст.

Хулоса диссертатсия ва адабиёти истифодашуда ба талаботи кори илмӣ ҷавобгӯ буда, автореферати диссертатсия бо маводҳои чопӣ ба кори илмии анҷомёфта мувофиқат мекунад.

Диссертатсия Мустафоқулова Рухшона Аловиддиновна дар мавзӯи: «Синтез ва таҳқиқи ҳосилаҳои аминокислотагӣ-пептидии глитсерин», кори анҷомёфта ва мазмуну муҳтавои он ба автореферати диссертатсия мувофиқат намуда, ба талаботи имрӯзаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муҳаққиқ шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз руйи ихтисоси 02.00.03- Химияи органикӣ аст.

**Тақризнавис:**

**Мирзораҳимов А.К. - доктори илмҳои биология, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ____________**

**Имзои Мирзораҳимов Акобир Каримович-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

**Назаров Д. ____________**

**«12» 11 соли 2019**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС